# Қоидаҳои
# қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ дар соли таҳсили 2026-2027

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ (минбаъд Қоида) дар асоси моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», банди 37 «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ дар соли таҳсили 2025-2026, ки бо қарори ҳайати мушоварати Вазорати маориф ва илм аз 28 марти соли 2025, №5/4 тасдиқ шудааст таҳия гардидааст.

2. Қоидаҳои мазкур раванди қабули донишҷӯёнро барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ дар Донишгоҳ ба танзим медарорад.

3. Мухлати таҳсил барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ барои зинаи бакалавр новобаста аз шакли таҳсил 3 сол ва барои ихтисосҳои ҳамгиро 4 сол (барои ихтисосҳои соҳаи тиб тибқи муқаррарот) муқаррар мегардад (Низомномаи таҳсилоти олии дуюм қарори мушоварати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.02.2019, №4/37).

4. Мутобиқи банди 5 моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба шаҳрвандоне, ки таҳсилоти олии касбӣ доранд, метавонанд дар асоси шартнома (пулакӣ) таҳсилоти дуюми олии касбӣ гиранд.

## *2.Тартиби қабули довталабон*

5. Барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷие, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар таҳсилоти олӣ гирифтаанд (пас аз баробарарзишии диплом) иҷозат дода мешавад.

6. Баробарарзишии дипломҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

7. Бо мақсади қабули ҳуҷҷатҳои довталабон барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ ташкил ва гузаронидани суҳбати қабули онҳо бо фармоиши ректори Донишгоҳ комиссияи қабул таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи қабули Донишгоҳ ректор мебошад. Дар вақти набудани раис ваколатҳои ӯ ба зиммаи муовини раис (муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ-методӣ) гузошта мешавад.

8. Ректор аз ҳисоби омӯзгорони таҷрибадор котиби масъули комиссияи қабулро баъд аз мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин менамояд.

9. Донишгоҳ танҳо бо доштани иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ҳуқуқ дорад, ки қабули довталабонро аз рӯйи равия ва ихтисосҳои мухталиф расман эълон намояд.

10. Донишгоҳ вазифадор аст, ки довталабонро бо иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ва инчунин шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намояд.

11. Комиссияи қабули Донишгоҳ бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯйи равия ва ихтисосҳо, теъдоди нақшаи қабулро аз рӯйи равия ва ихтисосҳо тариқи шартномавӣ эълон намояд.

12. Қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм танҳо тибқи шартнома дар асоси иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

13. Комиссияи қабули бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯйи саволномаҳои суҳбатро аз рӯйи равия ва ихтисосҳо таҳия намояд.

14. Муҳлати қабули ҳуҷҷатҳои довталабон (даври якум) ба Донишгоҳ аз 01 июл то 25 август муқаррар карда мешавад.

15. Муҳлати қабули такрории ҳуҷҷатҳои довталабони шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ ба муассисаи таълимӣ аз 1 сентябр то 20 декабр муқаррар карда мешавад.

16. Довталабон барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва қоидаи мазкур ба комиссияи қабул дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

- ариза ба номи ректори Донишгоҳ;
- дипломи намунаи давлатӣ (асл) бо замимааш дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- 6 дона сурати андозаи 3 х 4 см;
- маълумотномаи тиббӣ (шакли №038);
- шиноснома ё ҳуҷҷат дар бораи тасдиқи шахсият;
- шаҳодатномаи баробарарзишӣ (барои нафароне, ки муассисаи таҳсилоти олии касбии хориҷи кишварро хатм кардаанд).

17. Баъд аз суҳбати комиссия гузаштани довталаб барои қабул ба сафи донишҷӯён қарори комиссияи қабул бароварда мешавад.

18. Дар давраи гузаронидани суҳбат бо фармоиши ректор комиссияи апеллятсионӣ таъсис ёфта, раиси он таъин карда мешавад. Дар вақти набудани раис ваколатҳои ӯ ба уҳдаи муовини раис гузошта мешавад. Ба ҳайати комиссияи апеллятсионӣ омӯзгорони таҷрибадори соҳавӣ ҷалб карда мешаванд.

19. Аз рӯзи эълони натиҷаҳои суҳбат довталаб ҳуқуқ дорад, ки ба комиссияи апеллятсионӣ ба таври хаттӣ дар муҳлати на дертар аз 3 рӯз мурожиат намояд.

Баррасии апеллятсия аз нав аз суҳбат гузаштан набуда, танҳо санҷиши дурустии натиҷаи суҳбати дохилшавӣ мебошад.

20. Баъди баррасии апеллятсия қарори комиссияи апеллятсионӣ оид ба натиҷаи суҳбат қабул карда мешавад. Дар мавриди ба миён омадани зарурати тағйир додани натиҷаи суҳбат бо қарори комиссияи апеллятсионӣ дар протоколи суҳбат тағйирот ворид карда мешавад.

21. Натиҷаи суҳбат дар протоколи махсус қайд карда мешавад.

22. Ҳаҷми маблағи таҳсил барои таълими шартномавӣ дар асоси Нархномаи таҳсили як нафар донишҷӯй дар гурӯҳҳои шартномавии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2025-2026, ки аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ гардида, бо директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон ва сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст, дар ҷадвали зер оварда шудааст:

| № | **Номгӯйи ихтисосҳо** | **Маблағи таҳсили фосилавӣ** |
|---|---|---|
| 1. | 108010107 - Таълими касбӣ (информатика) | 2856 |
| 2. | 1400101 - Таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ | 2856 |
| 3. | 1400102 - Технологияи ва низоми иттилоотӣ (дар энергетика) | 2856 |
| 4. | 140030102 - Зеҳни сунъӣ ва омӯзиши мошинӣ | 2856 |
| 5. | 140030103 - Зеҳни сунъӣ дар тиб | 2856 |
| 6. | 143010202 - Лоиҳакашӣ, насб ва истифодабарии шабакаҳои энергетикаи барқӣ | 2856 |
| 7. | 14301020301 - Идоракунии шабакаҳои барқӣ бо истифодаи зеҳни сунъӣ | 2856 |
| 8. | 144010303 - Ташкил ва бехатарии ҳаракат дар роҳ | 2992 |
| 9. | 154010105 - Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрокворӣ) | 2856 |
| 10. | 1560101 - Заминсозӣ | 2992 |
| 11. | 1700403 - Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ | 2992 |
| 12. | 1250104 - Молия ва қарз | 3553 |
| 13. | 125010410 - Менеҷменти молиявӣ | 3553 |
| 14. | 125010805 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат | 3553 |
| 15. | 125011026 - Иқтисоди рақамӣ | 3553 |
| 16. | 1250111 - Аудит ва ревизия | 3553 |
| 17. | 108010101 - Педагогикаи рақамӣ | 2992 |
| 18. | 11901010303 - Дизайни саноатӣ ва 3D моделиронӣ | 2992 |
| 19. | 1260102 - Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ | 3553 |
| 20. | 13104010112 - Биофизикаи тиббӣ | 3553 |
| 21. | 131050103 - Химия (фаъолияти дорусозӣ) | 3553 |
| 22. | 148020102 - Технологияи таркиби доруворӣ, витаминҳо ва ферментҳо | 3553 |
| 23. | 140030101 - Зеҳни сунъӣ дар иқтисодиёт | 2856 |

Довталабон баъди аз суҳбат гузаштан фақат дар сурати пардохт намудани маблағи таҳсил тибқи талаботи қарордод ба муассисаи таълимӣ қабул карда мешаванд.

24. Довталабоне, ки дар рӯзи муайяншуда бесабаб ба суҳбати қабул ҳозир нашудаанд, аз суҳбат нагузашта ҳисобида мешаванд.

25. Назорат аз болои фаъолияти комиссияи қабули Донишгоҳ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдор ба амал баровардa мешавад.

26. Иҷрои Қоидаи қабули мазкур барои Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад.

27. Фармоиши ректори Донишгоҳи барои қабули донишҷӯён ҷиҳати гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ (даври якум то 30 август ва даври дуюм то 30 декабр) дар асоси қарори комиссияи қабул ба тасвиб расонида мешавад.